# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи **Бобоева Иноятхон Асроровна** дар мавзӯи “Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои 5-7 зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

**Мубрамияти таҳқиқот**

Рисолаи унвонҷӯй Бобоева Иноятхон Асроровна ба самти муҳим ва муосири илми педагогикаи ватанӣ – таҳаммулпазирӣ дар заминаи таълими осори классикон ҳини дарсҳои адабиёти тоҷик дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бахшида шудааст. Қобили зикр аст, ки принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ба ҷанбаҳои таҳаммулпазирӣ иртиботи қавӣ дошта, бартарии арзишҳои миллию умумибашарӣ, моҳияти башардӯстонаи мазмуни таҳсилот, рушди озодонаи шахс, ҷанбаҳои инсондӯстӣ, демократӣ ва давлатию ҷамъиятии идоракунии соҳаи маорифро муҳим ва зарур мешуморад.

Муаллифи рисола бо дарназардошти асосхои методологӣ-бунёдӣ ва аҳамияти амалии таҳқиқот баррасии кулли масоили пайванди мавзуи интихобшударо мавриди ҳаллу фасли ҷиддӣ қарор додааст. Аз нигоҳи рисолатомези муаллиф масъалаи дар руҳияи баланди миллӣ, садоқат ба давлату миллат, таҳаммулгароӣ, ватандӯстиву хештаншиносӣ ва пос доштани арзишҳои миллӣ тарбия намудани ҷавонон аз самтҳои муҳимми таҳқиқот маҳсуб меёбад. Воқеан, ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирӣ, ки ба он дар раванди ҷаҳонишавии муосир таваҷҷуҳи донишмандону муҳаққиқони соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, фалсафаю сотсиология, педагогикаю психология беш аз пеш мегардад, диққати ҷиддӣ дода шудааст

Муаллиф комилан дуруст мегӯяд, ки рушди инсонгароёнаву демократикунонии ҷомеаи муосир дар раванди ҷаҳонишавӣ махсусан ба

соҳаи маориф, ки воситаи тавонои таълиму тарбияи насли наврас маҳсуб меёбад, иртиботи қавӣ дошта, истифодаи фаровон аз воситаҳои босамар ва муътамад, махсусан, осори бадеӣ, асарҳои ҳикматомези классикони адабиёти форсу тоҷик аҳамияти беназири тарбиявӣ пайдо мекунад, дар сиришти наврасон ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтиром ба арзишҳои инсонӣ ва умумибашариро ҳидоят мекунад.

Рӯй овардани муаллифи рисола ба мавзуи мазкур аз чанд ҷиҳат қобили дастгирист. Қабл аз ҳама, дар ин самт мушкилот ва муаммоҳо зиёданд. Ба андешаи уновнҷӯй, монеаҳои асосие, ки ба ташаккули тарбияи таҳаммулпазирӣ халал мерасонанд, инҳоянд:

– ба таври комил таҳқиқ нашудани консепсия, принсипҳо ва асосҳои педагогӣ-психологии ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирӣ;

– омилҳои муҳити хонавода, ки ба таълиму тарбияи таҳаммулпазирии хонандагон таъсири гуногун мерасонанд;

– суст будани фаъолияти омӯзгорон дар ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон. Махсусан, омӯзгори фанни адабиёти тоҷик, ки дар баробари дорои салоҳияти хуби тахассусиву касбӣ будан, бояд намунаи волои ботаҳаммул будан, рафтору гуфтори ибратпазир доштан бошад.

Дар рисола гузориш ва моҳияти масъала, сохтор ва мавқеи парвариши таҳаммулпазирӣ ҳангоми омӯзиши фанни адабиёти тоҷик дар заминаи осори классикон, вусъати дониш, маҳорат ва малака дар партави ташаккули хислатҳои тамкину бардошт, нигоҳ доштани қадру манзалати устодон, ҳамсабақон, атрофиён, волидон ва ҷомеа ҳамчун омили пешбурди тарбияти насли наврас ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Шиносой бо диссертатсия собит месозад, ки маҳаки асосӣ ва қувваи пешбарандаи онро кӯшиши муаллиф дар самти натиҷагирӣ аз таҳлили консепсияи назариявӣ ва педагогиву психологии олимони ватаниву бурунмарзӣ, ки таърих, назария ва амалияи инкишофи

хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагонро баррасӣ намудаанд, ташкил мекунад.

Бо мақсади кӯмак расондан ба омӯзгорон дар доираи мафҳумҳои таҳаммулпазирӣ ва ташаккули хислатҳои шоистаи инсонӣ ва умумибашарӣ муаллиф тарзи таҳлили мазмуну мундариҷаи матнҳои баргузидаро аз осори баргузидаи классикон, ки тибқи барномаи таълим дар китобҳои дарсии адабиёти тоҷики синфҳои V-VII ворид карда шудаанд, пешниҳод намудааст. Зикр бояд кард, ки чунин тарзи таҳқиқ ва пажуҳиш асоси тадқиқоти унвонҷӯйро бобати дар ҷодаи таҳаммулпазирӣ тарбия намудани хонандагони синфҳои мазкур фаро мегирад.

Муаллифи рисола бар ин қарор аст, ки таҳаммулпазирӣ асоси демократия ва ҳуқуқи инсон ба шумор меравад ва дарку фаҳмиши ин ғоя ҳануз аз давраи мактабхонӣ бояд роҳандозӣ гардад. Ба таъбири мантиқан авло, таҳаммулпазирӣ ба маънои ҳамеша гузашт кардан, саҳлгирӣ ва ё чашмпӯшӣ набуда, соҳиби мавқеи одилона ва оқилона буданро дар фаъолият ва ҳаёт дар асоси эҳтироми афкори мутаносиб пешбинӣ мекунад.

Дар рисолаи уновонҷӯй рисолати таҳаммулпазирӣ дар риояи тавозуни байни гурӯҳҳои иҷтимоии этникӣ, сиёсӣ, мазҳабӣ ва дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ маҳсуб ёфта, эҳтиромро ба арзишҳои забону фарҳанг ва тамаддуни халқу миллатҳо, аз ҷумла, маскуни Тоҷикистон, омодагиро ба асолат ва ҳусни тафоҳум, ҳамкорӣ бо узви ҷомеа сарфи назар аз зоҳиру ботин, забони ғайр, урфу одат, анъана, диёнат, вазъи иҷтимоию касбӣ пешбинӣ менамояд.

Унвонҷӯй ба дарёфти консепсия ва равиши илмӣ-педагогӣ аз манзари фарзияи асоснок муваффақ шудааст. Ба ақидаи муаллифи рисола ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба шарте таъмин мегардад, ки агар модели рушд ва технологияи амалисозии он дар раванди омӯзиши мероси пурғанoвати осори классикон ҳангоми омӯзиши фанни адабиёти тоҷик таҳқиқ ва

ҳаллу фасл шуда бошад. Ҳамчунин меъёрҳо ва дараҷаҳои ташаккули таҳаммулпазирии толибилмони макотиби миёна зимни таълими фанни адабиёти тоҷик, истифода аз роҳу усули босамар ва воситаҳои дидактикии фаъолмандии онҳо фаро гирифта шавад.

Ба андешаи жарф ва дақиқи муаллифи диссертация Бобоева Иноятхон рисолати таҳаммулпазирӣ ҳамчун арзиши комил ва тавонои ахлоқӣ-маънавӣ, ҳамчун падидаи матлуб ва мақбули таълимоти педагогӣ дар эҷодиёти шоирону адибони бузурги тоҷику форс дар ҳамаи давру замонҳо манзур ва ошкору намоён буд. Агарчи асли фалсафаи таҳаммулпазирӣ дар доираи мафҳуми имрӯз дар ду асри охир тавлид шудаву ба таҳқиқи илмӣ-бунёдӣ фаро гирифта шуд, унсурҳои хосу ҷилвагари таҳаммулпазирӣ аз давраҳои хеле қадими ҳаёт ва муомилаи инсонҳо фарҳанги муошират ва муносибати аъзои ҷамъиятро аксандозӣ мекард. Маҳз таҳаммулпазирӣ, ки нишони барҷастаи мафҳуми муосири дипломатия аст, ҳаёти осоиштаю халқиятҳо ва кишварҳои оламро таъмин менамояд. Дар ин росто, фарҳангу тамаддуни хайрандеш ва таҳаммулпешаи халқи тоҷик ибрати беназири аҳли башар мебошад.

Нуктаи дигари муҳими рисола аз он иборат аст, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ масъалаи тарбияи таҳаммулпазирӣ муҳиммияти хосро ба худ касб мекунад, зеро дар ин марҳалаи таҳсил ва ташаккули шахсияти хонандагон заминаҳои қавии робитаи мутақобилаи байни мактабиён, ки аз хонаводаҳо ва муҳити иҷтимоии гуногун омадаанд, соҳиби хулқу атвори гуногун ва тарбияи мутафарриқ мебошанд, гузошта мешавад.

Дар рисолаи унвонҷӯй ба проблемаи ташаккули таҳаммулпазирӣ ҳамчун унсури бағоят муҳимми раванди омӯзишу парвариш нигоҳи дақиқ ва саҳеҳи илман асосёфта андӯхта шудааст. Мутахассисони соҳаи педагогикаи ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷи кишвар ба вожаи “таҳаммулпазирии” нигоҳӣ мухталиф доранд, вале муаллифи рисола дар натиҷаи таҳлил, муқоиса ва ҷамъбасти афкори илмии мавҷуда ақидаи тозаи хешро иброз медорад (иқтибос): “Истилоҳи **таҳаммулпазирӣ** аз ду

вожа – калимаи арабии **таҳаммул** аз решаи **ҳамала** ба маънои **бардоштан, бурдани бор** ва вожаи тоҷикии **пазируфтан** ба маънои **қабул кардан**, **бардоштан**, **тоқат кардан** ва пасванди исмсози «-ӣ» сохта шудааст. Вале вожаи **таҳаммулпазирӣ**, сарфи назар аз муродифҳои дигараш, дар забони илмӣ ва гуфтор мавриди истифодаи васеъ гардидааст. Гоҳо муродифҳои *сабурӣ, мадоро, саҳл гирифтан, созиш кардан, гузашт, сабру тоқат, собирӣ, таҳаммул* ва ғайраро низ ба ҷои истилоҳи таҳаммулпазирӣ истифода мебаранд" (саҳ.19-и рисола).

Дар вусъати андешаҳои худ унвонҷӯй меафзояд: "Дар осори адабӣ, маъмулан, **таҳаммул** бо мафҳумҳои **мадоро** (мудоро, мудорот), **қаноат, тоқат, шикебо** (шикеб, шикебоӣ, шикебидан, шикебанда), **мувосо, сабр** ифода ёфтааст, ки мувофиқи шарҳи "Фарҳанги забони тоҷикӣ" дорои маъниҳои мавриди мантиқ ва баён аст.

Унвонҷӯй дар ҳалли масъалаҳои бунёдии ба миён гузошта дар заминаи омӯзиши таҷрибаи пешқадам ва осори илмии донишмандони ватанӣ, рус, Аврупою Ғарб муваффақ шуда, тавассути таҳлилу баррасии андешаҳои муҳаққиқони соҳа консепсияи шахсии хешро таҳия ва роҳнамоӣ кардааст. Шиносоӣ бо рисола собит кард, ки муаллифи диссертатсия дар самти интихобкардаи хеш ба татбиқи фарзияву дастовардҳои назарраси илмӣ муваффақ шудааст.

**Эътимоднокии натиҷаҳои бадастома** дар партави истифода аз пойгоҳи методологӣ ва назариявии пажӯҳиш; такя ба маҷмӯи усулҳои назариявӣ ва таҷрибавии таҳқиқот, ки ба мавзӯъ ва ҳадафҳои пажӯҳиш созгор ва мувофиқ аст; таҳлили шароит ва натиҷаҳои фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишӣ; тасдиқи пешбиниву андешаҳое, ки дар фарзия ва ғояи пешбарандаи диссертатсия ба миён гузошта шуд; тафтиши маводҳои озмоишӣ дар низоми таҳсилоти миёнаи умумӣ; таҷрибаи амалии фаъолияти касбӣ ва педагогии муаллифи рисола тасдиқи хешро ёфтааст.

**Навгонии илмии тадқиқот**:

1. Бори нахуст тавассути таълими адабиёти тоҷик дар курси хониши адабӣ масъалаи ташаккул ва рушди тарбияи таҳаммулпазирии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон (синфҳои V-VII) баррасӣ гардидааст.

2. Азбаски асоси барнома ва маводи китобҳои дарсии адабиёти тоҷики синфҳои V-VII-ро осори классикони маъруфи форсу тоҷик ташкил дода, дорои мазмуну мундариҷаи баланди пандуахлоқӣ мебошанд, коркард ва баррасии нуктаҳои марбут ба тарбияи таҳаммулпазирии хонандагон сурат гирифтааст.

3. На танҳо аз хусуси роҳу усулҳои дар хонандагони синфҳои V-VII тарбия намудани хислатҳои таҳаммулпазирӣ мулоҳизаронӣ шудааст, балки доир ба аҳамият ва зарурати соҳиб будани омӯзгорони фанни адабиёти тоҷик ба хислатҳои таҳаммулпазирӣ низ изҳори ақида гардидааст.

4. Маводи зарурӣ барои ташкили машғулиятҳо ва чорабиниҳои беруназсинфӣ пурра таҳия гардида, роҳҳои мушаххаси ташаккули таҳаммулпазирии хонандагон муайян карда шудаанд.

**Аҳамияти назариявии тадқиқот**:

- дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ, ақидаҳои файласуфону ҷомеашиносон ва равоншиносону педагогҳо роҷеъ ба зарурати тарбия намудани хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар вуҷуди насли наврас таърифи нисбатан дақиқи мафҳум пешниҳод шудааст;

- зимни омӯзиш ва баррасии матнҳои дорои мазмуну мундариҷаи баландғояи аз осори классикон интихобшуда аз рӯйи маводи китоби адабиёти тоҷики синфҳои V-VII, ки таълими он, асосан, дар курси хониши адабӣ сурат мегирад, кӯшиш шудааст роҳҳои тарбияи хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар ниҳоди хонандагон нишон дода шавад;

- мавқеи хониши мустақилонаи асарҳои ниёгон, ҳамкории доимии мудирони китобхонаҳо бо омӯзгорони фанни адабиёти тоҷик ва рушди

хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон бо роҳи худомӯзӣ исбот гардидааст. Ҷавобҳои хонандагони ба мутолиаи осори адабӣ машғулшуда шаҳодат медиҳанд, ки донишу малакаи таҳаммулпазирии онҳо зиёд шудааст;

- дар фарҳангҳои гуногун мафҳум ё худ маънои мухталифи **таҳаммулпазирӣ** шарҳу тафсир шуда бошад ҳам, онҳо ҳамаи ҷанбаҳои истилоҳи “**таҳаммулпазирӣ”**-ро фаро намегиранд. Дар Эъломияи ЮНЕСКО **таҳаммулпазирӣ** ба ҳайси истилоҳи умумибашарӣ қабул шудааст.

**Аҳамияти амалии тадқиқот**

Натиҷаҳои бадастомада ва маводи пешниҳодгардидаии рисолаи илмӣ ба омӯзгорони фанни адабиёти тоҷики муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бахусус, омӯзгорони синфҳои V-VII бобати дар рӯҳияи хислатҳои таҳаммулпазирӣ тарбия намудани хонандагони синфҳои мазкур ба ҳайси дастури хуби роҳнамо кӯмак хоҳад намуд. Инчунин истифодаи натиҷаи ҳамин тадқиқот ба омӯзгорони фанни адабиёт метавонад барои дар рӯҳияи таҳаммулпазирӣ тарбия намудани хонандагон ёрӣ расонад. Таҳиягарон ва муаллифон дар нашрҳои баъдии барнома ва китобҳои дарсии фанни адабиёти тоҷик нукоти муҳимми дар тадқиқоти мазкур баррасишударо метавонанд ба инобат гиранд.

Ниҳоят, устодони кафедраҳои педагогика ва психологияи коллеҷҳои омӯзгорӣ, мактабҳои олӣ ва муттахасисони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон метавонанд дар дарсҳои лексионӣ ва амалӣ бевосита аз тавсия ва ишоратҳои муаллиф истифода намоянд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯ** дар он зикр меёбад, ки ӯ зимни таълими адабиёти тоҷик рушду ташаккули тарбияи таҳаммулпазириро дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, бахусус, дар сиришти хонандагони синфҳои V-VII, ки дар давраи гузариш, яъне наврасӣ қарор доранд, воқеъбинона асоснок намудааст. Инчунин дар интихоб ва шарҳу таҳлили матнҳо аз осори классикони варзидаи адабиёти форсу тоҷик, ки

тибқи пешниҳоди барномаи таълим ба китобҳои дарсии синфҳои номбурда ворид шудаанд, маҳорати баланди таҳлилӣ намоён кардааст.

Муаллиф дар рафти озмоиши таълимӣ бевосита ширкат варзида, назорат ва мушоҳида карда, тибқи омӯзиш ва таҳлили асноди зиёди ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ, фарҳангҳо ва тадқиқоти олимони соҳаҳои гуногун оид ба мазмуну моҳияти фарҳанги таҳаммулпазирӣ рӯшанӣ андохтааст.

Қобили зикр аст, ки натоиҷи асосӣ ва арзишманди пажуҳиш дар маводҳои иҷозашудаи тақризӣ, маҷмӯаи маводҳои конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, мизҳои мудаввар, семинарҳо ва тренингҳо интишор ва муфассал баррасӣ шудаанд. Бахшҳои асосии диссертатсия дар ҷаласа ва семинарҳои илмии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики МДТ-и “ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ироа ва мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Хулоса ва натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар ҳамоишҳои сатҳи байналмилаливу ҷумҳуриявии “Мавқеи ҷавонон дар рушди илм” (ш.Хуҷанд, с. 2017), “Challenges in science of nowadays” (Вашингтон, 16-18 июли с.2021), “Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо” (ш.Хуҷанд, 30-сентябри с.2021), Шеъри имрӯз: Суннат ва навоварӣ” (ш.Хуҷанд, 20-уми майи с.2022), “Мактаби сиёсии Пешвои миллат” (ш.Бохтар, 25-июни с.2022) мавриди муҳокимаву таҳлил қарор ёфтаанд.

Нуктаҳо ва хулосаҳои асосии диссертатсия дар 14 мақола, аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Русия ва 9 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ ба чоп расидаанд. Диссертатсия дар ҷаласаи муттаҳидаи кафедраҳои методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик ва педагогикаи умумии МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров”(29 июни соли 2021) муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Диссертатсияи унвонҷӯӣ аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст. Муҳтавои диссертатсия дар 190 саҳифаи чопи компютерӣ инъикос гардидааст. Дар матн ҷадвалу диаграммаҳо, расмҳо мавҷуд буда, рӯйхати адабиёт 257 манбаъро фаро мегирад.

Боби якуми диссертатсия - **«Асосҳои педагогиву психологии ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирӣ ва нақши он дар тарбияи хонандагони синфҳои 5-7»** - масъалаҳои марбут ба ҷанбаҳои назариявии таҳаммулпазирӣ дар фарҳангҳо, ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ ва осори муҳаққиқон, шарҳи фалсафӣ, равоншиносӣ ва педагогии мафҳуми таҳаммулпазирӣ, иъикоси ҷанбаҳои таҳаммулпазирӣ дар барнома ва китобҳои дарсиро дарбар гирифтааст.

Гузориш ва таҳқиқи проблемаи илмӣ дар боби якум имкон дод, ки муаллиф дар асоси таҳлилу баррасии маъхазҳои мубраму муътамад ба хулосаҳои мушаххас ноил гардад. Аз ҷумла, зикр мегардад, ки таҳлилу баррасии ҳамаҷонибаи истилоҳи "таҳаммулпазирӣ" дар асоси шарҳу тавзеҳоти соҳаи маориф, фарҳангҳои тафсирӣ ва дузабона, мундариҷаи "Эъломияи принсипҳои таҳаммулпазирӣ", осори олимони маъруфи ватанӣ ва хориҷӣ ба хулоса расида шуд, ки истилоҳи "таҳаммулпазирӣ" бо "толерантность" айнияти комил дорад.

Ҳамчунин намунаҳои овардашуда аз эҷодиёти шоирон ва мутафаккирони маъруфи адабиёти классикии тоҷик мавқеи васеъ доштани маводи адабиро дар доираи истифодаю тафсири мутаносиби вожаи "таҳаммулпазирӣ" собит месозад.

Боби дувуми диссертатсия – «Вежагиҳои педагогии ташаккули хислати таҳаммулпазирии хонандагон дар курси хониши адабӣ» иборат аз баррасию таҳқиқи масъалаҳои умда: ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар асоси осори ахлоқӣ-педагогии ниёгон, озмоиши муқарраркунӣ ҷиҳати муайян намудани сатҳи ташаккули

таҳаммулпазирӣ (хонандагони синфҳои V-VII), озмоиши таълимӣ-методӣ ҷиҳати таъмини роҳу усулҳои самарабахши тарбияи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII мебошад.

Дар боби дуюм муаллифи рисола муваффақ шудааст, ки ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагонро дар асоси таълимоти ахлоқӣ-педагогии ниёгон зимни таҳлили мазмуну мундариҷаи ғоявии осори Абӯабдуллоҳи Рӯдакиву Абулқосим Фирдавсӣ, Аттори Нишопуриву Саъдии Шерозӣ ва Ҷалолуддини Балхӣ пешниҳод намояд.

Ҳамзамон таҳлилу баррасии барнома ва китобҳои дарсии адабиёти тоҷик (фасли 3-юми боби I) собит месозад, ки тақсимоти соати баъзе мавзуъҳо ба ҳаҷми маводи омӯхташаванда мувофиқат намекунад ва гузашта аз ин, дар осори аз эҷодиёти классикон пешниҳодгардида баъзе норасоиҳо ба назар мерасанд.

Муаллиф мутмаин аст, ки ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагон дар заминаи осори ахлоқии ниёгон дар муассисаҳои таҳсилоти миёна таваҷҷуҳи бештарро тақозо дорад, зеро дар замони муосир низоми арзишҳо, фазилатҳои инсонӣ, ҳусни ахлоқ дар шароити мухталифи иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, мазҳабӣ, синнусолӣ, касбӣ ва ғ. меъёри рафтор, муносибати мутақобилаи инсонҳо, муносибат ба оламро муқаррар менамояд. Омӯзгорон бояд барои муттаҳид кардани муҳассилин, нигоҳ доштани ягонагии фазои ҷамъиятӣ-фарҳангии хонандагон, рафъи нофаҳмиҳои этникиву миллии насли наврас кӯшиш бояд ба харҷ диҳанд.

Аз натиҷаҳои озмоиши таълимӣ ба чунин хулоса омадем, ки консепсияи илмии пешбинишудаи муаллиф (фарзия) пурра татбиқи амалии хешро ба даст овард. Осори ниёгон дар самти дар рӯҳияи хислатҳои таҳаммулпазирӣ тарбия намудани хонандагони синфҳои V-VII дар ҷараёни таълими фанни адабиёти тоҷик мавқеи бориз пайдо намуд, ки дар ин бобат натиҷаҳои бадастомадаи озмоиши муқарраркунӣ ва таълимӣ-методӣ шаҳодат медиҳанд.

Дар қисмати ниҳойии диссертатсия муаллиф тавсияҳоро ҷиҳати истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот пешниҳод мекунад. Аз ҷумла, зикр мегардад, ки дар рисолаҳои минбаъд дар иртибот ба тарбияи таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои VIII-IX ва X-XI дар доираи илмҳои педагогӣ рисолаҳои илмӣ-тадкиқотӣ таълиф карда шуда, дар курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорони ихтисосҳои гуногун масоили назарӣ ва усулҳои ташкили корҳои амалӣ доир ба роҳу усулҳои дар хонандагон тарбия намудани хислатҳои таҳаммулпазирӣ пурзӯр карда шавад.

Ба андешаи мо, диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзӯи “Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои 5-7 зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик” таҳқиқоти анҷомёфтаи илмӣ дар соҳаи илми педагогикаи ватанӣ мебошад.

Хулосаи муаллиф оид ба дастоварди илмӣ-бунёдӣ муваффақ шудани рисола ҳақ аст: аз як тараф, ҳисси баланди миллӣ, муҳаббат ва эҳтирому арҷгузорӣ ба анъанаҳо ва таъриху фарҳанги миллии худ, завқу ҳаваси сухангӯӣ бо забони модарӣ, эҳсоси мансубият ба ҷомеаи хайрхоҳ ва хайрандеши халқи тоҷик, ки аз азал таҳаммулпеша аст, ва аз ҷониби дигар, эҳсоси мансубият ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва масъулиятшиносӣ назди халқи худ, ватани маҳбуб ва абнои башар.

Дар баробари дастовардҳо дар диссертатсия ва фишурдаи он баъзе камбудиҳо ба назар мерасад:

1. Дар рисола таҳлили барномаи таълими фанни адабиёти тоҷик аз нигоҳи мақоми адабиёт дар тарбияи ахлоқӣ-маънавии хонандагон дар иртибот ба хислатҳои таҳаммулпазирӣ ба мушоҳида нарасид. Дар ин бобат унвонҷӯй метавонист фикру мулоҳизоти хешро дар хусуси бозёфт ва ё ноқисиҳои барномаи фанни адабиёти тоҷик дар партави проблемаи таҳқиқот баён намояд.

2. Дар рисола муносибати муаллиф ба андешаҳои олимон ва

муҳаққиқон оид ба истилоҳи “таҳаммулпазирӣ” чандон интиқодӣ нест. Чунончи, шояд гуфтан ба маврид мебуд, ки ба ҷуз вожаи “таҳаммулпазирӣ” дар забони тоҷики истифодаи муродифоти комилан ҳаммаъно, амсоли андешаронӣ, андешамандӣ, андешаварзӣ ва амсоли он низ роиҷ аст.

3. Дар саҳифаи 49-и диссертатсия муаллиф овардааст: “Дар робита ба ин масъала муҳаққиқони бурунмарзиву хориҷӣ мафҳумҳои **таҳаммулпазирӣ** ва **бовариро** ба миён гузоштаанд. Масалан, тавзеҳи ин масъала аз ҷониби олими соҳаи педагогика Скрипкин Т. чунин сурат гирифтааст: “**Боварӣ** ҳодисаи мураккаби дуқутба аст, ки ҳамзамон бо мавҷудияти боварӣ ба худ ва ба он қисми олам, ки субъект бо он ҳамкории мутақобила-доштан мехоҳад, иртибот дорад. Аз ин лиҳоз, таҳаммулпазирӣ механизми ташаккули боварӣ аст ва, гузашта аз ин, он метавонад дар шакли боварии қаблӣ ё пешакӣ ҳамчун яке аз шартҳои таҳаммулпазирӣ вуҷуд дошта бошад”. Дар робита ба ин афкори пурпечутоби иқтибосӣ назари мушаххаси муаллиф метавон изҳор мешуд, зеро ба андешаи мо худи муҳаққиқи рус Т.Скрипник аз мантиқ андаке дур шудааст.

4. Дар матни диссертатсия гоҳо хатоҳои техникӣ дучор мешаванд, ки дар ин бобат ба унвонҷӯй ишораҳои мушаххас пешниҳод карда шуд.

Камбудиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши комили илмӣ ва дастовардҳои назарраси диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровнаро дар миқёси проблемаи таҳқиқшуда халалдор намекунад.

Дар ҳаллу фасли вазифаи пешгузошташуда диссертант далелу маводҳои заруриро ба таври возеҳ ва васеъ истифода кардааст. Муаллифи аз адабиёти илмии мавҷуда дар самти тадқиқоти мазкур огоҳии комил ва ҳамаҷониба дошта, таҳқиқи масъалаи гузошташударо дар робита бо осори бузурги ахлоқӣ-маънавии классикони адабиёти тоҷик дар парвариши хислатҳои

таҳаммулпазирии насли наврас ба риштаи таҳлил ва баррасӣ кашидааст.

Автореферат, мақолаҳои нашрнамудаи диссертант муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамояд.

Диссертатсия ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он Бобоева Иноятхон Асроровна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Доктори илмҳои педагогӣ, профессор,**
**профессори кафедраи забоншиносии**
**умумӣ ва типологияи муқоисавии**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Негматов С. Э.**
23 январи соли 2023

**Маълумот барои тамос:**
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17.
Телефон: (+992) 918506318.
E-mail: snegmasi@rambler.ru

Имзои профессор С.Э. Негматов - ро тасдиқ менамоям.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси ДМТ Тавкиев Э.Ш.